«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________

«___» ___________ соли 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «**Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ҳамчун дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Соли 2009 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос бо дипломи аъло хатм намудааст. Рисолаи номзадиро соли 2014 дар мавзӯи «Табиати ҳуқуқии шартномаҳои муаллифӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардидааст.

**Мушовири илмӣ**: Ғаюров Шукрулло Караматуллоевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Дар рафти муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқи хусусии муосир – масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалии ҳуқуқи кӯдак бахшида шудааст. Мавзӯи диссертатсия ба вазъи ҳуқуқии кӯдак, нақши давлат дар танзими муносибатҳо бо иштироки кӯдакон, ҷавобгарии падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд бахшида шуда, масъалаҳои номбурда дар марҳилаи муосири рушд ба гурӯҳи проблемаҳои мубрами ҳалталаб дохил мебошанд. Муаллиф мубрамияти рисоларо чунин асоснок месозад, ки кӯдак субъекти муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, вазъи ҳуқуқии он дорои хусусиятҳои зиёд мебошад, ки тадқиқи алоҳидаро талаб мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии кӯдак, асосан, аз лиҳози ҳуқуқи оилавӣ баррасӣ гардида, дар доираи ҳуқуқи гражданӣ сухан дар бораи «ноболиғ» меравад. Бо ҳамин сабаб вазъи гуногуни ин

субъект дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ боиси номуайянӣ гардида, то ҳол ҷиҳати дар якҷоягӣ баррасӣ намудани онҳо масъалагузорӣ нашудааст. Ба андешаи муаллиф, консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак ягона буда, дарки гуногуни он бинобар иштирок дар муомилот бо номҳои гуногун қобили қабул нест. Бояд дар тамоми қонунгузорӣ сухан дар бораи «кӯдак» равад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мафҳуми мазкур истифода мешавад. Муҳаққиқ масъалаҳои баррасишавандаро дар иртибот бо мубрамияти он вобаста ба проблемаҳои муосир, ки дар маркази таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, асоснок намуда, бомаврид аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ иқтибос овардааст, ки тибқи он “дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад”.

Аз тарафи дигар, муомилоти муосири гражданӣ низ талаб менамояд, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар карда шавад. Масалан, имрӯз алоқаи мутақобилаи вазъи кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ бебаҳс мебошад (масалан, шахсе, ки тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 18-солагӣ ақди никоҳ мебандад, тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мегардад; тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон эмансипатсия эълон шудан боиси тибқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардидани ӯҳдадории алиментдиҳӣ мегардад ва ғайра).

Бо вуҷуди ин, таҳлили мутаносиби вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оила нишон медиҳад, ки бисёр масъалаҳои ҳалталаб то ҳанӯз боқӣ мондааст. Муаллиф ба мубрамтарини онҳо ишора кардааст: вазъи ҳуқуқии кӯдаки таваллуднашуда, аҳдҳое, ки кӯдаки то 6-сола бастааст ва ғайра. Чунин ҳолат ба таври ҷиддӣ ва ногузир талаб менамояд, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ таҷдиди назар карда шавад. Дар ҳақиқат, дар шароити муосир масъалаҳои бастани шартномаҳо бо истифодаи интернет (масалан, кӯдаке, ки ҳангоми бозӣ кардан тавассути интернет ин ё он барномаи компютериро боргирӣ мекунад ва бо шартҳои истифодаи барнома ризоият медиҳад), дастрасӣ ба иттилоот, субъекти муносибатҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ будан ва ғайра муносибати махсус ва таҳлили амиқи илмиро талаб мекунанд.

Дар иртибот бо ин таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани имкониятҳои меъёрҳои амалкунанда вобаста ба ҳалли ин масъалаҳо талаб карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки меъёрҳои амалкунанда самаранок нестанд, зарур аст, ки онҳо такмил дода шаванд ва ё меъёрҳои нав коркард гарданд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ин баррасӣ намудани кӯдак ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ дар асри гузашта мебошад, ки он асосан аз ҳуқуқи байналмилалӣ маншаъ мегирад. То ин замон кӯдак дар робита бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар (яъне кӯдак ҳамчун объекти ҳокимияти падару модар) баррасӣ мешуд. Ин яке аз самтҳои таҳқиқоти муаллиф мебошад, ки дар таҳлилу арзёбии заминаҳои таърихии ташаккули консепсияи ҳуқуқи кӯдак ифода меёбад. Аз тарафи дигар, бо истифода аз усули низомнок диссертант асоснок кардааст, ки берун аз ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар баррасӣ намудани вазъи ҳуқуқии кӯдак номумкин аст. Дар баробари ин, бо дарназардошти хусусияти қонунгузории миллӣ, яъне қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» масъалаи мазкур боз ҳам мубрамтар гардидааст. Ҳамаи ин ҳолатҳо талаб мекунанд, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак бо назардошти ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва ғамхории парасторонаи давлат (васоят ва парасторӣ) баррасӣ ва муайян карда шавад. Ин тарзи нигориши масъала проблемаи таносуби меъёрҳои ҳуқуқии оммавӣ ва ҳуқуқии хусусиро дар вазъи ҳуқуқии кӯдак ба миён меорад. Дар ин замина ҳал намудани масъалаи сарҳади байни ин манфиатҳо, муайян намудани ҷойгоҳи ҳуқуқи хусусӣ ва мустақилияти он аз ҳуқуқи оммавӣ бисёр зарур мебошад.

Дар қонунгузории граждани як қатор воситаю механизмҳое мавҷуданд, ки тавозуни байни манфиатҳои падару модар ва фарзандонро таъмин мекунанд (масалан, моддаи 38 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон – хусусияти ихтиёрдории молу мулки кӯдак, моддаи 1088 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҷавобгарии падару модар барои зарари расонидаи кӯдак ва ғайра). Омӯзиш ва ҷамъбаст намудани он низ яке аз мақсадҳои рисолаи докторӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ аз чунин дидгоҳ ва ҷанбаҳо мавриди тадқиқ қарор додани институти вазъи ҳуқуқии кӯдак то ҳол ҷой надошта, таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалини таҳлили комплексии масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, масъала асосан аз лиҳози ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ дар алоқамандӣ баррасӣ карда шудааст. Ҳолатҳои зикргардида мубрамии мавзӯъро муайян карда, асос барои интихоби он ҳамчун мавзӯи рисолаи докторӣ гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқотро коркард ва асосноккунии асосҳои назариявӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ташкил мекунад, инчунин муайян намудани проблемаи илмӣ ва амалие, ки ҳангоми амалигардонӣ, ҳимоя ва ҳифзи онҳо пайдо мешаванд ва пешниҳоди тавсияҳо, ки барои такмил додани муқаррароти дахлдори қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавии Тоҷикистон равон карда шудааст.

Барои ноил шудан ба мақсади умумии гузоштташуда вазифаҳои нисбатан мушаххаси таҳқиқот муайян гардидаанд, ки ғояву ҷанбаҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд:

- инкишофи таърихии танзими ҳуқуқии вазъи кӯдакро дар Тоҷикистони таърихӣ ва низомҳои пешрафтаи таърихӣ дида баромадан;

- равшанӣ андохтан ва якхела фаҳмидани мафҳумҳои ҳуқуқие, ки ба мавзӯи таҳқиқот иртибот дошта, дар қонунгузорӣ истифода мешаванд;

- муайян кардани моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои падидаи ҳуқуқҳои кӯдак;

- гузаронидани таснифоти ҳуқуқҳои кӯдак;

- муайянкунии ягонагӣ ва тафовути мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак;

- тавсифи вазъи ҳуқуқии кӯдаке, ки ҳамзамон дорои вазъи падару модари кӯдак мебошад;

- таҳлил намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ;

- таҳлил кардани проблемаи амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусии алоҳида;

- коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмил додани муқаррароти дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур навгонии илмӣ ҳам аз тарзи гузоштани проблема ва ҳам аз роҳи ҳалли он таркиб ёфтааст, зеро дар илми ватании ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ корҳое, ки таҳлили низомноки падидаи ҳуқуқии таҳқиқшавандаро фаро гиранд, мавҷуд нест. Дар доираи кори мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистикаи ватанӣ ҳуқуқҳои кӯдак аз нигоҳи илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилавӣ таҳлил гардидааст. Навгонӣ дар ченаки мураккаби сивилистӣ ва назариявӣ-эмпирикии вазъи ҳуқуқи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин дар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф иборат мебошад, ки оид ба мавҷуд будани як қатор проблема дар соҳаи муқаррароти қонунгузорӣ, татбиқи амалӣ ва дарки доктриналии ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Дар доираи рисолаи мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистии ватанӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳолати ретроспективӣ дар давраи шӯравии инкишофи ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо тафаккури миллии ҳуқуқӣ таҳлил мегардад. Ғайр аз ин таҳлили ҷиддии ҳуқуқии муқоисавии мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» ва дигар мафҳумҳои ҳамҷавор дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак гузаронида шуда, проблемаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ таҳқиқ гардида, проблемаи амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ таҳлил ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак коркард шудааст. Дар натиҷаи чунин таҳлил проблемаи калони илмии муайян намудани вазъи ҳуқуқии кӯдак дар низоми арзишҳои ҳуқуқии илми сивилистика ҳал карда шудааст, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ва оилавӣ ва коркардҳои назариявии аз ҷониби мутахассисони назарияи ҳуқуқ ва илмҳои соҳавӣ амалишуда ба рисоланавис имкон доданд, ки фаҳмиши муаллифии «кӯдак»-ро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ муайян намуда, бо нишон додани ягонагии мафҳумҳои дар ин ҷода истифодашаванда ба вазъи ҳуқуқии гуногун ишора карда, бо ҳамин хусусияти онро ошкор созад.

Муҳаққиқ дар рафти таҳлили ҳолати ҳуқуқии кӯдак мавқеи муаллифиро нисбат ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак, ки моҳияташ дар мураккабии ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак ифода меёбад, муайян намудааст. Чунин ҳимоя ҳам аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҳам тавассути фаъолияти фарзандхондкунандагон, мақомоти васоят ва парасторӣ, инчунин дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор (прокуратура, суд ва ғайра) ва шаҳрвандон ҷиҳати ташкил ва риояи шароити мусоид барои тарбия ва ташаккули муназзами кӯдакон анҷом дода мешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки муқаррароте, ки дар таҳқиқот ифода ёфтааст, тасаввуроти ҳуқуқҳои кӯдакро илова ва инкишоф медиҳад; барои ҳалли як қатор проблемаи назариявие, ки ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои кӯдак ба миён омадаанд, имкон медиҳад; барои ташаккулёбии дарки томи низоми ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар қонунгузории амалкунанда муқаррар шудааст, саҳм мегузорад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар асоси онҳо зимни таҳқиқот таҳияшуда метавонанд барои такмили қонунгузории граждании танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо иштироки кӯдак истифода бурда шаванд. Маводи назариявӣ ва коркардҳои таҳлилии дар диссертатсия ҷойдошта барои таҳқиқоти илмӣ оид ба проблемаи ҳуқуқи кӯдак, қобилияти субъекти ҳуқуқ будан қобили таваҷҷуҳ буда, зимни тадриси ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ ба донишҷӯёни макотиби олии ҳуқуқшиносӣ истифода шуда метавонанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар хислати амалӣ доштани тавсияҳои таклифнамудаи муаллиф, ки барои баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки кӯдакон ифода меёбад, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои дар он ҷойдошта метавонанд дар ҷараёни мукаммалгардонии минбаъдаи муқаррароти дахлдори қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ истифода гарданд ва барои таҷрибаи ягона оид ба баҳсҳое, ки бо ҳимоя ва умуман ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон иртибот доранд, саҳм гузорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар мустақилияти он ва бевосита гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, тасвияи таърифҳои муаллифии мафҳумҳои калидӣ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, консепсияи муаллифии ҳуқуқҳои кӯдак, ки аз ҷониби ӯ пешниҳод шудааст, тавсияҳо бобати такмили қонунгузории амалкунанда, интишорот ва баромадҳои ӯ

дар конфронсҳои гуногуни илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таҷассум мегардад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд. Диссертатсияи доктории **«Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»** асари илмии баанҷомрасида буда, ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

**Интишори натиҷаҳои тадқиқот.** Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 1 китоби дарсӣ, 13 васоити таълимӣ, 3 монография ва 17 мақоларо дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияҳои докторӣ ба табъ расонидааст. Ҳаҷми умумии интишорот 100 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Интишороти муҳим аз рӯйи мавзӯи рисола:**


1. Ғаффорзода, И.Ғ. Вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ. / И.Ғ. Ғаффорзода. – СПб.: Питер, 2016. (10 ҷ.ч).
2. Ғаффорзода, И.Ғ. Кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ: ҳолати ҳуқуқӣ ва мушкилоти танзим./ И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. (12,25 ҷ.ч.).
3. Ғаффорзода, И.Ғ. Права ребёнка и родительская власть: исторические аспекты и современные теоретико-практические проблемы частноправового характера. / И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе, «ЭР-граф», 2018. (13,9 ҷ.ч.).
4. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқҳои кӯдак ва ҳимояи онҳо дар Тоҷикистон/ И.Ғ. Ғаффорзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ, бахшида ба «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2016. – С. 361-362.
5. Ғаффорзода, И.Ғ. Правовой статус ребенка в гражданском праве: постановка вопроса = Вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ: масъалагузорӣ /И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2016. - №2/6 (210) – С. 194-198.
6. Ғаффорзода, И.Ғ. Танзим ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар оила/И.Ғ. Ғаффорзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ, бахшида ба «20-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон». – Душанбе, апрели 2017. – С. 74.
7. Ғаффорзода, И.Ғ. Эмансипация и ее теоретико-практическая значимость и необходимость для правореализации несовершеннолетнего

в условиях правовой действительности Республики Таджикистан = Эмансипатсиява ахамияту зарурати назариявию амалии он барои амалигардии ҳуқуқи ноболиғон дар шароити воқеияти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон /И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2017. - №2/7 – С. 273-280.

8. Ғаффорзода, И.Ғ. Соотношение понятий «малолетний», «несовершеннолетний» и «ребенок»: их гражданско-правовое значение = Таносуби мафҳумҳои «хурдсол», «ноболиғ» ва «кӯдак»: аҳамияти ҳуқуқии граждании он / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2017. - №2/10 – С. 251-257.

9. Ғаффорзода, И.Ғ. О некоторых аспектах правового статуса ребенка в мусульманском праве = Оид ба баъзе ҷанбаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи мусулмонӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2018. - №2 – С. 180-186.

10. Ғаффорзода, И.Ғ. О проблемах правового положения ребенка в римском праве = Оид ба мушкилоти ҳолати ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи римӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. - №3 – С. 153-162.

11. Ғаффорзода, И.Ғ. Проблемы участия несовершеннолетнего в отношениях, регулируемых гражданским правом = Мушкилоти иштироки ноболиғ дар муносибатҳое, ки бо ҳуқуқи граждании танзим мешаванд / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. - №4 – С. 204-214.

12. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак: баъзе масъалаҳои ҳуқуқи гражданӣ/ И.Ғ. Ғаффорзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ, бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Душанбе, апрели 2019. – С. 177.

13. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои хусусӣ аз нигоҳи стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2019. - №2 – С. 176-180.

14. Ғаффорзода, И.Ғ. Тазоҳури хусусиятҳои иштироки кӯдак дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. - №3 – С. 175-180.

15. Ғаффорзода, И.Ғ. Роҷеъ ба масъалаи танзими ҳуқуқии мушкилоти таъмини ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/И.Ғ. Ғаффорзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ, бахшида ба «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф(солҳои 2020-2040)». – Душанбе, апрели 2020. – С. 142-143.

16. Ғаффорзода, И.Ғ. Асосҳои назарии мазмуну моҳияти ҳуқуқу ухдадории падару модар дар тарбияи фарзандон. /И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №1 – С. 193-198.

17. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои мубрами вазъи ҳуқуқии кӯдак дар даврони шӯравӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №1 - С. 237-243

18. Ғаффорзода, И.Ғ. Мушкилоти танзими ҳуқуқии иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи манзилӣ: баъзе масъалаҳои назарию амалӣ. / И.Ғ. Ғаффорзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020 - № 2 (30) - С.193-203

19. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе ҷанбаҳои мубоҳисавии вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ҳуқуқи падару модар ба таълиму тарбияи фарзандон / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №2 – С. 196-201

20. Ғаффорзода, И.Ғ. Масоили назариявӣ ва танзимӣ-ҳуқуқии қобилияти субъекти ҳуқуқи гражданӣ будани кӯдак/ И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2020. - №2 - С. 231-238

21. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №3 – С. 215-223

22. Ғаффорзода, И.Ғ. Амсилаи ҳуқуқии ғамхории иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои кӯдак: мушкилоти ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҳуқуқии оммавӣ / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №4 – С. 243-251

23. Ғаффорзода, И.Ғ. Масъалаҳои муҳими восита ва механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавии ҳимояи ҳуқуҳои кӯдак / И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - №5 – С. 254-262.

24. Ғаффорзода, И.Ғ. Масъалаҳои илмию амалии ҳуқуқу уҳдадориҳои алиментии кӯдак/ И.Ғ. Ғаффорзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020 - № 3 (31) - С.193-203.

25. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи оила тавассути нақшаҳо: Воситаи таълимӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) / М.А. Маҳмудов, И.Х. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 176 с. (11 ҷ.ч.).

26. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи римӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) / М.А. Маҳмудов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 32 с. (2 ҷ.ч.).

27. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи оила (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) / М.А. Маҳмудов, Ш.К. Бадалов, Б.Т. Худоёров. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 40 с. (2,5 ҷ.ч.).

28. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи граждании (қисми 1) / Ш.Т. Тағойназаров, И.Х. Бобоҷонов, Қ.Ш. Қурбонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2011. – 60 с. (3,75 ҷ.ч.).

29. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи гражданӣ (қисми 2) / Ш.Т. Тағойназаров, И.Х. Бобоҷонов, Қ.Ш. Қурбонов, Ш.К. Бадалов. - Душанбе, «ЭР-граф», 2011. - 100 с. (6,25 ҷ.ч.).

30. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии фанни ҳуқуқи шартномавӣ / Ш.К. Бадалов. - Душанбе, «ЭР-граф», 2011. - 12 с. (0,75ҷ.ч.).

31. Ғаффорзода, И.Ғ. Барномаи таълимии курси махсуси «Ҳимояи ҳуқуқи занон ва кӯдакон дар ҳуқуқи оилаи Тоҷикистон» / М.Ҷ. Бурҳонова, Ш.К. Бадалов, Н.Ш. Қурбоналиев. - Душанбе, «ЭР-граф», 2013. - 28 с. (1,75 ҷ.ч.).

32. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар ҳуқуқи оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Ҷ. Бурҳонова, Ш.К. Бадалов. - Душанбе, «ЭР-граф», 2013. - 83 с. (5,18 ҷ.ч.).

33. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ (воситаи таълимӣ) / Ш.К. Бадалов, Н.Ш. Қурбоналиев, Б.Р. Расулов. – Душанбе, «ЭР-граф», 2013. – 336 с. (21 ҷ.ч.).

34. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи кӯдак: таҳлили вазъи имрӯзаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Воситаи таълимӣ/ И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе, «Эр-граф», 2020. – 470 с. (29,37ҷ.ч.).

35. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи хусусии римӣ (бо забони тоҷикӣ). Воситаи таълимӣ / Қ.Ш. Қурбонов, Ҳ.М. Саидов. - Душанбе: «Андалеб Р», 2015. - 124 с. (7,75 ҷ.ч.).

36. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I (бо забони тоҷикӣ). Воситаи таълимӣ / Қ.Ш. Қурбонов, Ҳ.М. Саидов. - Душанбе: «Андалеб Р», 2015. - 212 с. (13,25 ҷ.ч.).

37. Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми I (китоби дарсӣ). / Қ.Ш. Қурбонов. – Душанбе: «Донишварон», 2017. – 504 с. (31,5 ҷ.ч.)

**Ихтисосе, ки ба он рисолаи пешниҳодгардида мувофиқат менамояд.** Диссертатсияи илмии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи

«Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат менамояд. Дар диссертатсия муаллиф ба сарчашмаҳои дахлдор муроҷиат намудааст.

Диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» ба бандҳои 10-14 ва 16 Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмии (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) мутобиқ буда, ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд (суратҷаласаи № 4 аз 31-уми октябри соли 2020.)

Дар ҷаласа 19 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор – 19 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Раисикунандаи ҷаласа,**
**д.и.ҳ., профессор** **Қ.Ш. Қурбонов**

**Котиби ҷаласа** **Ҳ. Умархон**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Э.Ш. Тавқиев**